# НАМУНАИ САВОЛУ МАСЪАЛАҲОИ КУШОДА БО ҶАВОБИ КӮТОҲ АЗ СУБТЕСТИ БИОЛОГИЯ

**1**

**Тақсимшавии митозии ҳуҷайра аз чор фазаи пайиҳам: профаза, метафаза, анафаза ва телофаза иборат аст (ба расм нигаред). Дар кадом фазаҳо**

**а) *дар натиҷаи шакли спиралро пайдо кардани хромосомаҳо имконияти нусхабардории ахбори генетикӣ аз КДН қатъ мегардад ва синтези КРН ба охир мерасад;***

**б) *хроматидҳои дучандшудаи давраи интерфаза хромосомаҳои мустақили хоҳариро ташкил карда, онҳо ба қутбҳои ба якдигар муқобили ҳуҷайра кашида мешаванд*?**

Дар натиҷаи ботартиб навиштани ҷавоб (рақамҳои мансуб ба ***а*** ва *б*) адади дурақама ҳосил мешавад, ки ҳамин ададро дар ҷавоб нависед.




**Ҷавоб 1** ва **3** аст. Дар натиҷаи ботартиб (пайиҳам) навиштани ҷавоб адади **13** ҳосил шуд.

***Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:*** | | | 1 | 3 |

**2**

**Барги растаниҳо аз рӯйи сохт ва шаклашон *сода* ва *мураккаб* мешаванд. Аз рӯйи расм *баргҳои мураккаб*ро муайян намоед.**

**Дар натиҷаи ботартиб (пайиҳам) навиштани рақами ҳар барг адад (*ду, се* ва ё *чоррақама*) ҳосил мешавад. Дар ҷавоб адади ҳосилшударо нависед.**




**Ҷавоб:** баргҳои **1, 3** ва **5** аз рӯйи сохт ва шакл мураккабанд. Дар натиҷаи ботартиб (пайиҳам) навиштани ин рақамҳо адади **135** ҳосил шуд.

***Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:*** | | 1 | 3 | 5 |

3

**Қисмҳои гулро, ки дар расм бо рақам ишора шудаанд, аз рӯйи тартиби зерин муайян кунед:**

*а) гулбанд;*

*б) косабарг;*

*в) гулбарг;*

*г) гардбарг.*

Дар натиҷаи ботартиб (пайиҳам) навиштани ҷавоб (рақамҳои мансуб ба ***а, б, в*** ва *г*) адади чоррақама ҳосил мешавад. Дар ҷавоб ҳамин ададро нависед.




**Ҷавоб:** гулбанд – **2**, косабарг – **3**, гулбарг – **4**, гардбарг – **6**. Дар натиҷаи ботартиб (пайиҳам) навиштани ин рақамҳо адади **2346** ҳосил шуд.

***Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:*** 2 3 4 6

4

**Шапалаки карамхӯр чор давра (фаза)-и инкишоф (шаклдигаркунии пурра)-ро аз сар мегузаронад: *тухм – кирмак – зоча – шапалаки болиғ*. Дар ин шакли инкишофи ҳашарот кирмина ба фарди болиғ монанд нест. Инкишофи малах ва сӯзанак бо роҳи дигар ба амал меояд: *дар он зоча пайдо намешавад ва кирмина ба волидайн монанд аст*. Ин шакли инкишоф аз чанд давра (фаза) иборат аст? Ҷавобро бо адад нависед.**

**Ҷавоб:** инкишофи малах ва сӯзанак, ки шаклдигаркунии нопурра аст, аз **3** давра иборат аст.

***Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:*** 3

5

**Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи генҳо шаклҳои гуногуни тоҷи хурӯс ба вуҷуд меояд (ба расм нигаред). Аз рӯйи расм шакли гулмонанди тоҷро муайян намоед.** Ҷавобро бо адад нависед.



1 2 3 4

**Ҷавоб:** шакли тоҷи 4-ум гулмонанд аст (*1-ум – муқаррарӣ, 2-юм – нахӯдмонанд, 3-юм – чормағзмонанд*)

***Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:*** 4

НАМУНА

**6**

**Дар расм қисмҳои мағзи сари одам бо рақамҳо ишора шудаанд.**

**Агар одам, дар натиҷаи ларзидани даст, риштаро ба сӯзан гузаронида натавонад ва ё ҳангоми ҳаракат калавида роҳ гардад, нишонаи осеб дидани кадом қисми мағзи сар аст?**

**Ҷавобро бо адад нависед.**




**Ҷавоб:** нишонаи осеб дидани мағзча (**6**).

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* | | | 6 |

**7**

**Эҳтимоли (%-и) таваллуди кӯдаки кабудчашм (а) ва малламӯй (в) аз падари кабудчашму сиёҳмӯй бо генотипи** ааВв **ва модари сиёҳчашму малламӯй бо генотипи** Аавв **чӣ қадар аст?**

Ҷавоби худро бе аломати % бо адад нависед.

**Ҷавоб:** 25%

*Тарзи навиштани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо:* | | 2 | 5 |